**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАРМОИШ**

аз «30» марта соли 2021 № 82/ои ш. Душанбе

Оид ба рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсонии 6D.КОА-032 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Лолаев Зоирҷон Холович дар мавзӯи «Развитие малого и среднего предпринимательства в промышленности как основа индустриализации национальной экономики (на материалах Республики Таджикистан)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти саноат), бинобар риоя нагардидани банди 16 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) ва Дастурамал дар бораи санҷиши диссертатсияҳо оид ба мавҷуд будани асардуздӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, №5/7) бекор карда шавад.

2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Лолаев Зоирҷон Холович рад карда шавад.

3. Ҳимояи такрории диссертатсияи Лолаев Зоирҷон Холович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ тибқи муқаррарот ба роҳ монда шавад.

4. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2021, №3.

Раис Розиқзода А.Ш.